Хасанзода А.

**Тақриз**
**ба диссертатсияи Воҳидова Нодира Абдусатторовна дар мавзӯи «Хусусиятҳои фарҳангҳои фразеологӣ дар забонҳои гуногунсохт (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ)» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ). – Хуҷанд, 2022. – 179 саҳ.**

Фарҳангнигорӣ яке аз қисматҳои муҳимми забоншиносӣ буда, аз як ҷониб, дар рушди илми суханшиносӣ, аз ҷониби дигар, такмили таълими забонҳо мусоидат дорад. Бо усули муқоисаи типологӣ омӯхтани ду ва зиёда забонҳои гуногунсохт имкон медиҳад, ки дар ин ё он қисмати забоншиносӣ умумият ва вижагиҳои забонҳои қиёсшаванда таҳқиқ карда шавад, ки он ҳам ба забоншиносии умумӣ ва ҳам хусусӣ аҳамият дорад.

Диссертатсияи унвонҷӯ Воҳидова Н.А. дар мавзӯи «Хусусиятҳои фарҳангҳои фразеологӣ дар забонҳои гуногунсохт (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ)» ба ҳамин қазияи мубрам бахшида шудааст. Он аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, дар бобҳо ва бандҳо мутаносибан масъалаҳои ташаккули фразеографияи забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ, нақши фарҳангҳои фразеологӣ дар таҳқиқи фразеология ва усулҳои қайду шарҳи моддаҳои фразеологӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтаанд.

Дар боби якум - «Аз таърихи ташаккули фразеографияи забонҳои гуногунсохт» раванди таҳаввули фразеографияи забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар партави лексикографияи умумӣ нишон дода шудааст. Аз маводи фаровони диссертатсия аён мегардад, ки луғатҳои якзабона ва дузабона (тарҷумавӣ) дар рушди фарҳангҳои фразеологӣ нақши баробар доранд.

Дар бандҳои алоҳидаи боби мазкур ташаккули фразеографияи русӣ ва англисӣ дар робита бо луғатномаҳои тарҷумавии англисӣ-тоҷикӣ, русӣ-тоҷикӣ ва баръакс, тоҷикӣ-англисӣ, тоҷикӣ-русӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Матлаб ва мухтавои диссертатсия бештар ба боби дуюм бо номи «Нақши фразеография дар рушди фразеологияи забонҳои гуногунсохт» марбут аст, ки дар бандҳои он дар мисоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ саҳми мусаннифони фарҳангномаҳои маъруф дар таҳқиқи моҳият ва муҳимтарин масоили воҳидҳои фразеологии забонҳо нишон дода шудаанд. Аз маводи диссертатсия чунин бармеояд: азбаски бисёр масъалаҳои фразеология ҳанӯз ба таври мукаммал омӯхта нашудаанд, ин вазъ зарурате ба миён меорад, ки муаллифон ё муратибони фарҳангҳо аввал андешаҳои худро оид ба шинохти воҳидҳои фразеологӣ, хел ва хусусиятҳои сохторӣ ва маъноию услубии онҳо муайян намоянд. Ҳамин тариқ, дар оғози фарҳангҳои фразеологӣ ба сифати сарсухани муфассал ё мақолаи алоҳида манбаи арзишманди илмӣ ба вуҷуд омадааст ва он дар диссертатсия мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтааст.

Боби сеюм - «Усулҳои шарҳи ВФ дар фарҳангҳои фразеологии забонҳои гуногунсохт» дар се банд усулҳои қайд ва шарҳи моддаҳои фразеологӣ дар луғатномаҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нишон дода шудаанд.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Воҳидова Н.А. вобаста ба матлабҳои пешбинишуда ба илмҳои фразеология ва фразеография маълумоти нав ворид месозад, ҷамъбасту хулосаҳои илмию амалии он дар такмили кори фарҳангнигорӣ мадад мерасонад. Ҳамчунин маводи рисола имкон медиҳад, ки таълими фразеология ва фразеография дар мактабҳои олии филологӣ ва муассисаҳои таълими умумӣ дар сатҳи талаботи айём ба роҳ монда шавад.

Муҳтавои диссертатсия бо номи мавзӯъ ва рамзи ихтисоси таҳқиқот мутобиқ аст, ҷусторҳои унвонҷӯ дар 13 мақола илмӣ, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои қайди КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон манзури забоншиносону омӯзгорон ва доираи васеи омӯзгорони забон гардидааст. Автореферат мазмуни диссертатсияро ифода менамояд. Таҳқиқ маҳсули эҷоди унвонҷӯ мебошад.

Воҳидова Н.А. дар вазифаи сармуаллимаи кафедраи умумидонишгоҳии забонҳои хориҷии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дар корҳои илмӣ, таълимӣ ва тарбиявӣ фаъолона иштирок менамояд ва бо сипосномаҳои садорати Донишгоҳ қадршиносӣ гардидааст.

Хулоса, диссертатсияи Воҳидова Нодира Абдусатторовна дар мавзӯи «Хусусиятҳои фарҳангҳои фразеологӣ дар забонҳои гуногунсохт (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология ҳамчун ҷавобгӯи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) ба ҳимоя тавсия мешавад ва муаллифи он шоистаи дараҷаи номзади илмҳои филология мебошад.

**Роҳбари илмии диссертатсия –**
**доктори илмҳои филология, профессори кафедраи**
**забони тоҷикии МДТ-и «ДДХ ба номи академик**
**Бобоҷон Ғафуров»:** **Ҳасанзода А. А.**

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд,**
**гузаргоҳи Б. Мавлонбеков, 1.**
**Тел.: (+992) 928242561**
**E-mail: abdujamol58@mail.ru**

**«Имзои А. А. Ҳасанзодаро тасдиқ менамоям».**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»:** **Наврӯзов Э.М.**

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд,**
**гузаргоҳи Б. Мавлонбеков 1.**
**Тел.: (+992) 900420202**
**E-mail: n.ehson@mail.ru**